# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Аз охирҳои садаи XX сар карда, таваҷҷуҳ ба таҳқиқу таҳлил ва омӯзишу баррасии вожаву истилоҳоти соҳаҳои мухталиф оғоз ёфт, ки ин ҳам бошад нашр гардидани як зумра рисолаву монографияҳо ба шумор меравад. Агар то ба имрӯз ба сатҳи таҳқиқи вожаву калимот назар афканем, соҳаву бахшҳои мавҷуданд, ки калимоту истилоҳоти онҳо қариб ки ба мардум ноошноянд ва таҳқиқу пажӯҳиш ниёз доранд. Сленгҳои компютерӣ-интернетӣ низ аз зумраи он бахшҳо маҳсуб ёфта, моро бо осори климову истилоҳоте, ки дар соҳаи техникӣ, аз ҷумла кор бо копмютеру сомона ошно месозад.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳлилу баррасӣ ва муқоисаву муқобалаи сленгҳои компютерӣ-интернетӣ яке аз масъалаҳои муҳими таҳқиқ дар бахши забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ ва типологӣ тоҷик ба шумор меравад. Ҳамин тавр, рисолаи номзадии Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» пажӯҳиши саривақтӣ буда, муаллиф дар он ҷанбаҳои норавшани мавзӯъро бар мабнои усули тавсифӣ ва муқоисавӣ-таърихӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аз ин лиҳоз, муҳақиқ рисоларо аз мубрамияти мавзӯъ ва то ҳол таҳқиқ нагардидани сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ оғоз намуда, таъкид бар он мекунад, ки сленгҳои компютерӣ-интернетӣ аз ҷониби забоншиносони тоҷик дар алоҳидагӣ мавриди пажӯҳиш нагардида, то ин замон ба масъалаи таҳқиқ, таҳлил ва муқоисаи ин воҳиди забонӣ дар забоне, ки зикраш рафт, рисолае таълиф нагардидааст.

Рисолаи номзадии Ғафуров Зоир Саъдуллоевич «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, аз муқаддима, се боб, 8 фасл ва хулосаву феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола сухан дар бораи мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методи таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии таҳқиқот, моҳияти амалии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқот, нуктаҳои муҳими рисола, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори рисола меравад.

Дар боби якуми рисола «Ташаккул ва таҳаввули лексикаи компютерӣ ва интернет дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» сухан аз боби масъалаҳои ташаккули лексикаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ дар забонҳои

тоҷикӣ ва англисӣ, таҳаввулоти лексикаи компютерӣ ва таснифоти он, манбаъҳои лексикаи компютерӣ ва хусусиятҳои лексикографии он меравад.

Зерфаслии якум моро бо ташаккули лексикаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ошно месозад. Нахуст муҳаққиқ роҷеъ ба мафҳуми "технологияи иттилоотӣ" назару андешаҳои худро баён намуда, бар он таъкид мекунад, ки технологияи иттилоотӣ дар ҷомеаи муосир нақши муҳимро мебозад ва маҳз тавассути он дигар халқу миллатҳо аз пешрафту пасрафти фарҳанги тамаддуноари оҷик огоҳ мегарданд.

Баъдан, диссертант роҷеъ ба мавқею ҷойгоҳи истилоҳ дар таркиби луғавии забон ва тафовути он аз вожагони умумиистеъмолӣ ва муқаррарӣ таваққуф намуда, хусусиятҳои якмаъноиву сермаъноии истлиҳоро низ қайд мекунад. Марҳилаҳои ташаккул ва рушди вожагону луғоти мансуби технологияи иттилоотӣ ва басомаду баромади бархе аз истилоҳоти меҳварии иттилоот низ дар ҳамин фасл дарҷ ёфтаанд.

Вожагону истилоҳоти иқтибосӣ, ки як ҷузъи муҳими истилоҳоти "технологияи иттилоотӣ" ба шумор мераванд, аз ҷониби муҳаққиқ муфассал таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар ҳамин росто, муаллиф чунин қайд мекунад: «Калимаҳои зерин иқтибосӣ буда, ҳамчун истилоҳи технологияҳои иттилоотӣ васеъ истифода мешаванд: icon, computer, Dictaphone, terminal, disc, programme, hertz, damping» (саҳ. 33).

Дар фасли дуюми боби якум таҳаввулоти лексикаи компютерӣ ва таснифоти он мавриди таҳқиқу таҳлил қарор мегирад. Диссертант дар ин фасл такя ба таснифоти забоншиноси рус И.Л. Комлева (саҳ. 36) луғоти мансуби компютериро ба гурӯҳҳои муайян дастабандӣ намудааст. Баъдан такя ба назару андешаҳои забоншинос Н. Равжаа (саҳ. 37) муҳаққиқ дар таснифи истилоҳоти соҳаи компютерӣ дар рисола аз методҳои мухталифи тарҷума ёдовар мешавад. Пасон муаллиф боз ба сари масъалаи мафҳуми истилоҳ ва шарҳу тавзеҳи баъзе аз истилоҳоти "компютерӣ" андешаҳояшро баён намуда, ҳолати тарҷумаи онҳоро ба забони тоҷикӣ бозтоб кардааст.

Марҳилаҳои ташаккулу такомули истилоҳоти компютерии забонҳои таҳқиқшаванда ва роҳу усули тарҷумаи онҳо низ дар ҳамин фасл мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Фасли сеюми боби якум моро бо манбаъҳои лексикаи компютерӣ ва хусусиятҳои лексикографии он ошно месозад. Дар ин фасл, муҳаққиқ нахуст роҳу тарзи ҷой додани воҳидҳои луғавиро дар вожаномаву фарҳангномаҳо қайд намуда, пасон назару андешаҳояшро роҷеъ ба луғатҳои истилоҳоти компютерӣ, ки охирҳои солҳои 80-уми садаи XX таълифу тадвин гардида буданд, баён месозад. Ба таври намуна, диссертант аз фарҳанги компютерии IBM "Dictionary of computing" (саҳ.50), "Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ" ёдовар шуда, нақши онҳородар ташаккули истилоҳоти компютерии забонҳои тоҷикиву анлисӣ баён мекунад. Усулҳои мураттаб намудани фарҳангҳои соҳавӣ ва роҳу тарзи ҷобаҷогузории қисматҳои иттилоот дар бораи калима низ аз назари муаллиф дур намондааст.

Боби дуюми рисола «Таснифи соҳавии лексика ва истилоҳоти технологияи иттилооти даврони муосир» унвон дошта, дар он масъалаҳои қабатҳои лексикаи компютерӣ ва технологияи иттилоотии даврони муосир, сленги марбут ба чатҳо, сленги хизматрасонии шабакавӣ, таснифоти гуруҳҳои мухталифи сленги компютерӣ, таснифоти сохтории истилоҳоти компютерӣ ва технологияҳои иттилоотӣ баррасӣ мешавад.

Дар фасли якуми боби мазкур муаллиф қабатҳои лексикаи компютерӣ ва технологияи иттилоотии даврони муосир баррасӣ намуда, ҷанбаҳои омӯзиши масъалаҳои рушду такомули луғатро бар мабнои ду аспекти муҳими забон: забоншиносии иҷтимоӣ ва забоншиносии умумӣ асос мешуморад. Пасон, диссертант назару андешаҳои худро роҷеъ ба масъалаи омӯзишу таҳқиқи луғоти илмӣ-техникиро, ки аз тарафи забоншиносони тоҷик, амсоли Т. Шарипов, Т. Ҷураев, З. Мумаямов ва Ҳ. Асламов дар шакли рисолаву монография таълиф гардидааст, баён мекунад. Дар ҳамин фасл, муҳаққиқ сленгҳоро, ки як қабати муҳими луғоти компютерӣ маҳсуб мешаванд, баррасӣ намуда, тамоми гурӯҳҳои луғоти компютерро дар алоҳидаги дастабандӣ намудааст (саҳ. 63-81). Дар ҳамин фасл диссертант истилоҳоти компютерии дуҷузъаву бисёрҷузъаи забонҳои муқоисашавандаро дар асоси қолибҳои маъмули истилоҳсозии Adj+N//N+Adj; Adj+Adj+N; N+Adj+N; Adj+N+N ва ғ. дастабандӣ намуда, бо мисолҳо диду назари худро баррасӣ кардааст.

Нақши калимасозии вандафзоӣ дар фасли дуюми боби мазкур баррасӣ мешавад. Дар ин фасл, муаллиф он сленгҳое, ки ба воситаи вандҳои истилоҳсоз сохта меашванд ба каммаҳсулу семаҳсул гурӯҳбанди намуда, бад-ин васила таркиби сарфии онро муайян сохтааст. Баъдтар, бо усули конверсия ё худ ҷотабдилӣ сохта шудани сленгҳои компютерӣ мавриди таҳлилу муқоиса қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллиф дар истилоҳшиносӣ ду падидаи конверсия дар калимасозӣ маъмул мебошад, ки яке субстантиватсия ва дигаре вербализатсия ба шумор мераванд (саҳ. 89-90).

Бо усули композитсия ва ихтисора сохта шудани сленгҳои комютерӣ дар зерфаслҳои дуюму сеюми фасли дуюм баррасӣ мегардад. Фасли сеюм бошад моро бо вижагиҳои сохтории сленгҳои компютерӣ ошно месозад.

Боби сеюми рисола «Сленгҳо ҳамчун қабати махсуси лексикаи компютерӣ» унвон дошта, дар он масъалаи ташаккул ва таҳаввули сленгҳо дар лексикаи компютерӣ ва вижагиҳои хоси онҳо, вижагиҳои маънои луғавӣ ва маънои онзо мавриди таҳлилу муқоиса қарор мегиранд.

Бояд таъкид кард, ки бо роҳи ибора сохтани истилоҳ маъмултарин ва сермаҳсултарин қолаби истилоҳсозии сленгҳои компютерӣ ба шумор меравад. Муаллиф ибораистилоҳҳои компютериро ба ибораҳои истилоҳии изофӣ ва ибораҳои истилоҳии пешояндӣ гурӯҳбанди намудааст.

Ҳар як боби рисола бо хулосаҳои мушаххаси муаллиф ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳи медиҳад, проблемаҳои дар рисола матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад

муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳамияти назарраси назарӣ ва амалӣ холӣ нест.

Рисолаи илмии Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосири таълияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Тамоми мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф рисола мӯҳтавои рисоларо инъикос менамояд. Рисолаи мазкур барои хондани курси «Таърихи забони англисӣ», «Вожашиносӣ ва истилоҳоти забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» метавонад мусоидат намояд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим рисола ва фишурда аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Дар боби дуюми рисола муҳаққиқ истилоҳоти "технологияи иттилоотӣ" бар мабнои усулҳои истилоҳнигории забонҳои тоҷикиву англисӣ муфассал таҳлилу баррасӣ намуда, аз сермаҳсуливу каммаҳсулии усулҳои истилоҳнигорӣ ёдовар нашудааст, яъне танҳо ба усули сарфӣ такя намудааст, ҳол он ки саҳми усулҳои сарфиву наҳвӣ, наҳвиву сарфӣ, луғавиву маъноӣ дар созмони истилоҳот бағоят калон аст.

2. Хуб мешуд, муаллиф дар раванди таҳқиқи ба падидаҳои забонӣ (сермаъношавӣ, ҳамгунашавӣ, муродифшавӣ, мутазодшавӣ) дучор омадани истилоҳот ё сленгҳои компютериро таҳлилу баррасӣ мекард.

3. Муаллиф дар рисола иқтибосоти зиёдеро ҷой додааст, агар назари танқидии худро роҷеъ ба мавзуи таҳқиқ баён менамуд хуб мешуд.

4. Агар муаллиф он истилоҳоте, ки дар рисола ба сифати мисол овардааст, дар охири рисола ҳамчун замима ҳамроҳ менамуд, арзиши рисола боз ҳам баландтар мегардид.

5. Муодили тоҷикии баъзе аз истилоҳот дар рисола ҷой дода нашудааст, агар муаллиф онҳоро тарҷума мекард, арзиши илмии рисола боз баландтар мегардид.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба асонӣ баратараф хоҳанд шуд.

Автореферати дисертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Муқарриз: доктори илми филология, профессори
кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Ҷаматов
Самиддин Салоҳиддинович

Тел.: 919005462
E-mail: jsamiddin@mail.ru

Имзои Ҷаматов Самиддин Салоҳиддиновичро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

29.06.2022 с.